Ба пешвози иҷлосияи Олий Маҷлис

# Сирри бонкӣ чист?

Баъди ба даст омадани истиқлолияти давлатии Ӯзбекистон дар мамлакатамон барои ба вуҷуд овардани низоми нави молиявиву бонкӣ ва даст кашидан аз низоми пештараи он диққату эътибор пурзӯр гардид. Дар ин бобат як қатор фармонҳои Президент, қарорҳои ҳукумат ва қонунҳои парлумон қабул гардиданд. Шарофати онҳо буд, ки эътимоду бовари одамон нисбати бонк боло рафта, онҳо маблағҳои пасандози худро ба муассисаҳои бонк, бахшу шабакаҳои он бештар месупурдагӣ шуданд. Аз он ҷумла ҳаҷми пулҳое, ки ба муассисаҳои бонк супурда шудаанд, дар ду соли охир чор маротиба афзудаанд.

Вале ба ин нигоҳ накарда, дар бобати сир нигоҳ доштани амонатҳои бонк, маблағҳои корхонаву ташкилотҳо ва муассисаҳо то ҳол қонуни алоҳида набуд ва он баъзе нуктаҳои қонунҳо, кодексҳо ва санадҳои қонунгузорӣ танзим мегардид ва мувофиқи салоҳдид талқин гардида, як қатор душвориву муаммоҳоро ба миён овард.

Бо назардошти ана ҳамин ба парлумон супурда шуд, ки дар ин бобат қонуни алоҳидаро таҳия намояд. Ба ҳамин мақсад Кумитаи парлумон оид ба Буҷа, масъалаҳои бонкиву молия ба таҳияи он шурӯъ карда, аз ҷумлаи мутахассисони Девони Вазирон, бонкҳо, вазорату идораҳои дахлдор гурӯҳи кориро созмон дод. Ва он таклифу мулоҳизаҳои вазорату идораҳои дахлдорро ба инобат гирифта, ба таҳия намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи сирри бонкӣ» муваффақ гардид ва он аз тарафи вакилони халқи Олий Маҷлис дар иҷлосияи дар пешистодаи парлумон мавриди баррасӣ қарор мегирад. Ҳангоми таҳияи он қонунҳо ва санадҳои қонунгузории 30 иёлати ИМА, давлатҳои Швейтсария, Олмон, Австрия ва ғайра омӯхта шуда, онҳо эҷодкорона, мувофиқи тинати халқамон истифода гардиданд. Дар бобати таҳияи лоиҳаи қонуни мазкур тавсияҳои муассисаҳои байналхалқии соҳаи мазкур низ ба эътибор гирифта шуданд, ки дар ҳудуди Ӯзбекистон фаъолият пеш мебаранд.

Ҳамин тавр, лоиҳаи қонун таҳия гардид ва ҳамчун мутахассис мехостам баъзе фикру мулоҳизаҳои хешро дар ин бобат баён созам.

Дар лоиҳаи қонун оид ба чӣ мансуб донистани сирри бонкӣ, мазмуну моҳияти он возеҳу равшан тавзеҳ дода шудааст. Аз он ҷумла таъкид гардидааст, ки на танҳо маблағҳои мизоҷон дар амонатҳо, ҳисобварақҳо, балки маълумотҳо дар хусуси онҳо низ сирри бонкӣ ба ҳисоб меравад ва он бидуни розигии мизоҷ ба эълон кардан мансуб нест. Агар ба як бонк маълумот дар хусуси мизоҷи бонки дигар тасодуфан маълум гардад ҳам, он сирри бонкӣ маҳсуб мегардад. Ҳамчунин дар он шарти тақдим кардани маълумот ба ташкилотҳои мухталиф, аз он ҷумла мақомоти ҳифзи қонуну тартибот, андоз, шахсоне, ки барои гирифтани ин маълумот ҳуқуқ доранд ва бо шарти тавассути хат муроҷиат карда гирифтани ин маълумотҳо, дар ин хусус дар давоми се рӯз бохабар кардани мизоҷ ва дигар нуктаҳои муҳим оварда шудаанд. Он пеш аз ҳама манфиати мизоҷро ҳимоя намуда, пеши роҳи даҳолати ғайриқонуниро ба ин фаъолият батамом мебандад.

Агар лоиҳаи қонуни мазкур дар иҷлосияи навбатии Олий Маҷлис қабул гардад, дар он сурат боварииву эътимоди шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқиро нисбати бонкҳо боз ҳам баландтар мегардонад, барои ба бонкҳо бештар ҷалб сохтани маблағҳо мусоидат мекунад. Дар айни замон ба ин бонкҳо эътимоди шарикони хориҷӣ баланд мегардаду маҷроҳои нав ба нави вомҳо ба иқтисодиёти мо ворид мегарданд. Дар айни замон дараҷаи хизмати бонкҳо ба мизоҷон хеле боло хоҳад рафт.

**Фуркат АБДИЕВ,**
**унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии иқтисодиёти Тошканд.**

# Лоран ГИ: «Анҷуман муносибатҳои дуҷонибаи БТТУ ва Ӯзбекистонро ба дараҷаи сифатан нав мебардорад»

European Bank for Reconstruction and Development

BUSINESS FORUM
TASHKENT 4-5 MAY 2003

***Аввали моҳи маи соли ҷорӣ дар Тошканд маҷлиси солонаи Кенгаши мудирони БТТУ ба амал меояд. Ва бешак, ба Ӯзбекистон диққату эътибори доираҳои молиявӣ ва корчаллонии ҷаҳонро ҷалб сохта, анҷуман ба кушоду равшан муҳокима намудани имкониятҳои мусоиди сармоягузорӣ умуман ба минтақаи Осиёи Марказӣ мегардад. Дар арафаи ин тадбири муҳими байналхалқӣ узви Кенгаши директорони БТТУ, директори иҷрогар оид ба Ӯзбекистон Лоран ГИ ба саволҳои мухбири ОИ «Ҷаҳон» Мардон Ёқубов бо қаноатмандӣ ҷавоб гардонд.***

***—Ҷаноби ГИ, дар бораи вазъи кунунӣ ва пешомадҳои ҳамкории дуҷонибаи БТТУ ва Ӯзбекистон чанд сухан мегуфтед?***

—Чанд сол муқаддам роҳбарияти бонк қарорро дар бораи рӯ овардан ба Аврупои Шарқӣ, минтақаҳои ИДМ, аз он ҷумла Осиёи Марказӣ ва Қафқоз ба мақсади васеъ ҷалб сохтани сармояҳо ба мамлакатҳое қабул кард, ки дар марҳалаи оғозии давраи гузариш қарор доштанд. Тағйир ёфтани самтҳои устувори бонк нисбати Осиёи Марказӣ ба он алоқаманд аст, ки мамлакатҳои минтақаҳои мазкур дар роҳи гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозаргонӣ бисёр муаммоҳо рӯ ба рӯ гардиданд ва ба ҷонибдории муассисаҳои калони соҳаи молия эҳтиёҷманд буданд. Ба ҷумлаи ин муаммоҳо зарурати пурзӯр кардани муассисоти иқтисоди бозаргонӣ, муассисаҳои молиявӣ, низоми бонкӣ, мақомоти танзимгар шомил буданд. Имкониятҳои ҳукуматҳои ҷудогонаи мамолики минтақаи Осиёи Марказӣ оид ба қарзгирӣ маҳдуд буданд ва аз ин рӯ мо имконияти бевосита кор кардан бо мақомоти маҳаллиро оид ба беҳдошти низоми таъминоти иҷтимоии аҳолии мамлакатҳои мазкур ҷустуҷӯ намудем.

Ҷиҳати дигар ин ба рушди соҳибкории хурду миёна алоқаманд буд. Ва он самти устувор барои БТТУ мебошад ва мо ҳаракат мекунем хатҳои асосии вомиро ба сектори мазкур, ҳамчунин корчаллонии хурд сафарбар кунем, ки бешак бо суръати баланд пеш меравад.

Доир ба ҳамкории БТТУ ва Ӯзбекистон ҳарф зада мехостам, қайд кунам, ки дар тӯли ёздаҳ сол 723,8 миллион доллари ИМА барои ба рӯи об баровардани лоиҳаҳои мухталиф, аз қабили такмил додани сохтори молиявӣ, ҷонибдории соҳибкории хурду миёна, мададрасонӣ ба ҷараёни хусусигардонӣ, рушди инфрасохтор ва ғайра ҷудо гардиданд. Мо ният дорем, ки дарояндаи наздик ҳаҷми маблағгузориро ба иқтисодиёти Ӯзбекистон вусъат диҳем. Ба ҳамин муносибат иқдоми амалии роҳбарияти ҷумҳурият оид пурра ҳосил гардидани озодтабодулии асъори миллӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои сектори хусусӣ баҳри рушди минбаъдаи ҳамкории пурсамари мо мусоидат мекунад.

Далели мазкур, бори аввал дар таърихи мамолики Осиёи Марказӣ маҷлиси солонаи Кенгаши мудирони БТТУ дар Тошканд ба амал меояд, аз эътирофи нерӯи бузурги сармоягузории Ӯзбекистон ва нақши ҳалкунандаи он дар рушди кооперативи минтақавӣ аз ҷониби бонки мо гувоҳӣ медиҳад.

***—Рӯзномаи кори маҷлиси солонаи Кенгаши мудирони БТТУ ва бизнес-анҷумани Тошканд чӣ гуна аст ва шумо аҳамияти анҷумани мазкурро барои бонк ва сармоягузорони хориҷӣ ва Ӯзбекистон дар чӣ мебинед?***

—Маҷлиси солона аз ду қисми асосӣ иборат аст: маҷлиси расмии мамлакатҳо—узви бонк ва бизнес-анҷуман бо иштироки сармоягузорони сершумор, намояндагони ширкатҳо, бонкҳо, доираҳои молиявии ҷаҳон. Дар рафти маҷлис мудирони бонк оиди фаъолияти БТТУ умуман дар ҷаҳон ва нисбати минтақаи Осиёи Марказӣ мубодилаи афкор менамоянд. Ба масъалаҳои пурзӯр кардани ҷалб сохтани сармоягузорони хориҷ ба минтақа, беҳдошти равобити тиҷоративу иқтисодӣ байни мамолики Осиёи Марказӣ, ҳамчунин дасти мадад дароз кардан дар бобати ба рӯи об баровардани ислоҳоти иқтисодӣ ва дигаргуниҳои сиёсӣ диққату эътибори калон дода мешавад. Бо назардошти он чиз, ки имрӯзҳо сармоягузорони хориҷа дар марҳалаи дарёфти бозорҳои калон мебошанд, яке аз ҷиҳати муҳими рӯзномаи кори маҷлис муҳокимаи ғояҳо дар бобати созмон додани бозори ягонаи минтақаи Осиёи Марказӣ мегардад.

Бизнес-анҷуман, ки дар рафти он муаррифии 27 мамлакате, ки ба таркиби фаъолияти бонк шомиланд, ба амал меояд, ба доираҳои корчаллон имконият медиҳад бо шарикони нерӯдор ва шахсони расмии давлатҳои мухталиф вохӯранду бо натиҷаҳои рушди иқтисодии мамлакатҳои минтақа, имкониятҳои ба рӯи об баровардани лоиҳаҳои нави сармоягузорӣ амиқан ошно гарданд.

Ба ҷуз ин, семинарҳо бо иштироки корбастони номдор дар доираи анҷуман гузаронда мешаваду имконият медиҳад, ки дар фурсати кӯтоҳ тасаввуроти пурраро дар бораи нерӯҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои ҷудогонаи иқтисодиёт ҳосил намоянд. Дар назар дошта шудааст, ки майлу шавқ нисбати анҷумани мазкур аз ҷониби иштирокдорон чун солҳои пешина хеле калон аст.

Мо эътимод дорем, ки маҷлиси солонаи БТТУ дар Тошканд имконияти воқеӣ барои Ӯзбекистон дар бобати ба саросари ҷаҳон нишон додани нерӯи бузургаш гардида, уфуқҳои навро барои ҷалб сохтани сармояҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурият мекушояд. Анҷумани мазкур, бешак, ҳамкории дуҷонибаи БТТУ ва Ӯзбекистонро ба дараҷаи сифатан нав мебардорад.

***Лондон.***



*Тошканд ба анҷумани Бонки таҷдид ва тараққиёти Аврупо, ки 4-5 май ба амал меояд, тайёрии пухта мебинад. Меҳмонхонаҳо, иншоотҳои таъиноти фарҳангиву хизматрасонӣ омода мегарданд. Анҷуман, ки он бо номи ҳисоботи солона, ё худ бо ибораи иқтисоддонон бо номи рамзии «олимпиадаи иқтисодӣ» машҳур аст, бешак воқеаи муҳим дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии ҷумҳуриятамон мегардад.*

**Дар суратҳо: 1.** *Намуди умумии Бизнес-маркази байналхалқие, ки маҳз дар ҳамин ҷо як қатор ҷамъомадҳо ба амал меоянд.* **2.** *Мағозаи шафати ана ҳамин марказ.*

**Аксбардор: Владимир ПОРТНОВ.**




# Асоси навбатии ҳуқуқии артиш

Ба муҳокимаи вакилони халқи Олий Маҷлис дар иҷлосияи навбатии парлумон лоиҳаи Қонун «Дар бораи хизмат дар захираи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» дар қироати дуюм пешкаш карда мешавад, ки пеш аз ҳама асоси ҳуқуқии навбатӣ барои артишамон ва дар айни замон таъмини ҳуқуқии амалӣ гардондани консепсияи дар Ӯзбекистон ҷорӣ кардани муассисоти захираҳо мегардад, ки Президенти мамлакатамон дар иҷлосияи нӯҳуми Олий Маҷлис ба миён гузошта буданд.

Бояд тазаккур дод, ки барои шаҳрвандон мафҳуми муассисоти захиравӣ тамоман нав мебошад. Мо захира гуфта, пеш аз ҳама онро дар назар дорем, ки ба он на ҳар кас шомил гардонда мешавад. Ба захира шахсоне шомил гардонда мешаванд, ки хизмати ҳақиқии ҳарбӣ ва хизматро дар захираи даъватии сафарбаркунанда гузарондаанд. Ва он ба мақсади пурра гардондани сафи соединенияҳо, қисмҳо ва подразделенияҳои Қувваҳои Мусаллаҳ амалӣ гардонда мешавад. Тайёркунии захирагон дар шакли ба машғулияти ҳарбӣ ҷеғ задан ба рӯи об бароварда мешавад. Яъне захирабудагон ба таълиму машқҳои ҳарбӣ аз рӯи усулияти ҳудудӣ ва ё дар заминаи қисмҳои ҳарбӣ даъват карда мешаванд. Ва он ҳар сол гузаронда шуда, дар бобати бо кадрҳои соҳибмалака таъмин кардани қисмҳои ҳарбӣ нақши калоне мебозад.

Дар лоиҳаи қонун як қатор имтиёзҳо ба захирабудагон оид ба гирифтани маблағҳо, озодкунӣ аз андоз пешбинӣ гардидаанд.

Лоиҳаи қонуни мазкур муносибатҳои алоқаманди гузаштани шаҳрвандони мамлакатамонро дар хизмат дар захираи Қувваҳои Мусаллаҳ танзим мегардонад. Ҳар сол гузарондани машқҳои ҳарбии захирабудагон дар таркиби қисмҳои ҳарбӣ имконият медиҳад, ки талаб ба кадрҳои ҳарбӣ сари вақт қонеъ гардонда шавад.

Алқисса, қабул гардидан ва дар ҳаёт татбиқ гардидани Қонун «Дар бораи хизмат дар захираи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» боз як иқдоми муҳим дар роҳи дар ҳаёт татбиқ кардани нишондодҳои сарвари давлатамон дар ин бобат мегардад, ки хизмат дар сафи артиш барои ҳар як ҷавон, барои ҳар як шаҳрванди мамлакатамон на танҳо иҷрои қарзи конститутсиониаш, балки обрӯву эътибор дар кор, шуурнокӣ, дар ҷамъият ҷои муносиби худро бояд ёбад.

**Баҳодур ТУРСУНОВ,**
**хизматчии ҳарбӣ.**

# Оинаи мероси халқ

Дар мамлакатамон бо ташаббуси Президент Ислом Каримов осорхонаҳои нав ташкил карда мешаванд, ки дар бораи мероси беқиёси таърихамон, арзишҳоямон нақл мекунанду масканҳои мавҷудаи фарҳангиву санъат аз нав мувофиқи талаби айём эъмор мегарданд. Аз он ҷумла, Осорхонаи давлатии таърихи Ӯзбекистон аз нав ташкил ёфта, бо нигораҳои нав ғанӣ гардид.

Фаъолияти осорхонаи мазкур боиси диққату эътибори калони аҳли ҷамъияти мамлакатамон гардидааст. Ҳар рӯз ба ин ҷо бисёр хонандагони мактабҳо, муҳассили коллеҷу литсейҳо, донишҷӯёни мактабҳои маълумоти олӣ, ҷавонон, кормандони соҳаи фарҳанг, коргарон ва хизматчиёни муассисаҳо ва идораҳо, меҳмонони хориҷӣ сар мехалонанд.

Дар тасарруфи осорхона қариб 250 ҳазор нигора мебошад. Дар онҳо таърихи бои Ватанамон аз айёми қадим то рӯзҳои мо пешкаш гардидаанд. Мувофиқи таклифу мулоҳизаҳои сарвари давлатамон толорҳои осорхона аз нуқтаи назари ғояи истиқлол наву эъмор гардида, аз нуқтаи назари илмӣ акси мушаххаси ҷараёнҳои таърихиву фарҳангиро аз қадим то замони мо пайдо кардаанд. Дар асоси далелҳои ҳақиқӣ, маводҳо ва воситаҳои тасвирӣ таърихи ба вуҷуд омадани давлатдориамон, анъанаоту арзишҳои бои халқамон васеву равшан ифода ёфтаанд. Махсусан тамошогарони осорхона ба фаслҳое бештар мароқ зоҳир мекунанд, ки ба ҳаёти ҳамватанонамоне, ки барои истиқлолияти Ватан ҷон нисор кардаанд ва нигораҳое, ки ба комёбиҳоямон дар солҳои истиқлолият бахшида шудаанд.

Тамошогарони осорхонае, ки аз шаҳру деҳаҳои мухталифи мамлакатамон меоянд, ҳамчунин меҳмонони сершумори хориҷӣ бо ёдгориҳои мамлакат, нигораҳои замонавӣ ошно мегарданд. Нигораҳои нодиру қиматбаҳои осорхона аз хусуси гузаштаи бузурги халқамон, ҳаёти имрӯза ваояндаи бузурги мамлакатамон тасаввуроти возеҳ медиҳанд.

**(ӮзА).**

# Роҳҳои нави ҳавоӣ

Ширкати миллии авиатсионии «Ӯзбекистон ҳаво йўллари» боз як роҳи нави ҳавоиро паймуд. Чанде пеш дар фурудгоҳи Ярославл—«Тунашна» ҳавопаймои боркашони «ИЛ-76»-ро, ки аз Тошканд парвоз карда буд, тантанавор пешвоз гирифтанд. Ҳавопаймо ба он ҷо барои таъмири двигателҳои авиатсионӣ қисмҳои зарурӣро расонд.

Қариб 10 сол аст, ки авиаторони ӯзбек двигателҳои ҳавопаймоҳои худро дар иттиҳодияи илмии истеҳсолии «Сатурн» маъмур мекунанд. Солҳои аввал двигателҳоро ба фурудгоҳҳои Домодедово ва Шереметево мебурданд. Аз он ҷо ярославиҳо онҳоро аз сари нав ба шаҳри худ мекашонданд. Баъд аз таъмир низ двигателҳо бо ҳамин роҳ ба Тошканд оварда мешуданд.

Акнун роҳи ба ҷои зарурии таъмир расондани двигателҳо хеле кӯтоҳ гашт. Арзиши таъмири онҳо бошад, ду баробар арзон гашт. Дар навбати худ ширкати миллии авиатсионии «Ӯзбекистон ҳаво йўллари» низ аз хариди сӯзишворӣ манфиатдор мегарданд. Зеро комплекси сӯзишвории «Тунашна» сӯзишвориро нисбати фурудгоҳҳои Маскав арзонтар мефурӯшад. Барои нигоҳ доштани асбобу анҷом ва дигар ашёҳои зарурӣ ҳаққи анборхонаҳо низ нисбатан арзон аст. Киштии ҳавоии аввалин аз Ӯзбекистон ба ноқулаии обу ҳаво нигоҳ накарда дар муддати муайян сари вақт ба фурудгоҳ нишаст. Рейсро аз Ӯзбекистон намояндагони ҳукумати маҳаллии бо роҳбарии ҷонишини губернатори вилояти Ярославл Владимир Ковалев пешвоз гирифтанд.

Бояд тазаккур дод, ки ярославлиҳо ба Ӯзбекистон дар ҳама соҳа ҳамкорӣ мекунанд. Ин ҳамкорӣ дар сатҳи шаҳру вилоятӣ ба амал бароварда мешаванд. Порсол ҳаҷми моливазкунии дутарафа бо шаҳру вилоятҳои Ӯзбекистон беш аз 8 миллион долларро ташкил дод. Моҳи сентябри соли гузашта ба ин ҷо намояндагии бонуфузи Ӯзбекистон ташриф оварда буд. Ин ба ҳамкории дутарафа такони хуб шуд. Оғози роҳи нави ҳавоӣ ҳамкории дутарафаи байни Ӯзбекистону Ярославл дар ҳамаи соҳаҳо боз ҳам инкишоф хоҳад дод.

**ОИ «Ҷаҳон».**



***Хадича Шертайлоқова*** *ва* ***Нигора Тағоева*** *коркунони пешқадами бахши ғаллакории ҷамъияти саҳҳомии «Ҷиззахтелеком» мебошанд.*

***Дар сурат: Х.Шертайлоқова*** *ва* ***Н.Тағоева*** *дар сари кор.*

***Аксбардор: Рашид СОДИҚЗОДА.***

# Конфронси байналхалқӣ

Дар маҷлисгоҳи меҳмонхонаи «Бухоро - Палас» - и шаҳри Бухоро дар мавзӯи «Ҳавзаи баҳри Арал» конфронси илмию амалии байналхалқӣ ба амал омад. Ин ҷамъомади бонуфузро маркази технологияю илмии Девони Вазирони Ӯзбекистон, Ассосиатсияи байналхалқии «ИНТАС» - и Фаронса дар ҳамкории як қатор ташкилотҳои Фаронса, Олмон ва ҳокимияти вилояти Бухоро ташкил намуданд.

Дар конференсия ҷонишини ҳокими вилояти Бухоро Мизроб Бӯронов ба сухан баромада табрикномаи ҳокими вилоятро ба иштироккунандагони анҷуман хонда дод. Масъалаи Арал на фақат ба Ӯзбекистону Осиёи Марказӣ, балки ба мамолики Аврупо, Осиёи шарқӣ - ҷанубӣ, Шарқи Наздик дахлдоранд. Дар натиҷаи хушкшавии баҳри Арал ҳар сол 100 миллион тонна моддаҳои намакдор гирду атрофро халалдор мегардонад.Дар натиҷа баробари осеб дидани саломатии одамон киштзорҳоро шӯр пахш намуда, ҳосилнокӣ паст мегардад.

Вазъият дар бобати пешгирӣ намудани офати экологӣ ҳамкориро тақозо менамояд. Конференсияи илмию амалии дар Бухоро баамаломада баҳри ҳамин мақсад хизмат мекунад.

Бояд таъкид намуд, ки ассосиатсияи «ИНТАС» як қатор ташкилоту олимони мамлакатҳои Белгия, Олмон (Фаронса) Русия ва Ӯзбекистонро дар атрофи худ муттаҳид намуда, баҳри тадқиқ ва ҳали масъалаҳои Арал фаъолият нишон медиҳад. Алҳол дар бобати ҳифзи саломатии мардуми гирду атроф, таъминоти оби ошомиданӣ, беҳтар намудани вазъи экологӣ корҳо ба сомон мерасанд, ки ба барномаи «ИНТАС» шомил гардидааст.

Ин ташкилот мувофиқи барномааш дар соли 2004 баҳри ба амал татбиқ кунонидани мақсадҳои зикрёфта ба андозаи як миллион евро озмуни лоиҳаҳоро эълон кардан мехоҳад.25 фоизи ин маблағро мебояд Ӯзбекистон ҷудо кунад.

Дар конференсия директори барномаи ташкилоти «ИНТАС» Ҷаак Синау, олими фарансавӣ Антуан Семперс ва дигарон ба сухан баромаданд.

Рӯйдод

# «Саломатӣ»

15 апрели соли равон дар меҳмонхонаи «Интерконтинентал» - и пойтахти ҷумҳурӣ Намоишгоҳи 8 - уми байналхалқии Тошканд бо ҳамин ном ба кори худ шурӯъ кард. Дар нишасти матбуотие, ки ба ин муносибат дар толори «Самарқанд» - и меҳмонхонаи номбурда ба вуқӯъ пайваст, ташкилотчиён ва пуштбонони Намоишгоҳ хабарнигорони расонаҳои ахбори хориҷӣ ва ватаниро аз торихи он, таҷҳизоти барои намоиш пешкашшуда ва ширкатҳое, ки дар ташкили он саҳм гирифтаанд, воқиф сохтанд. Чунончи, ҷонишини аввали вазири ҳифзи сиҳҳати ҷумҳурӣ Дамин Асадов иброз дошт, ки Намоишгоҳи мазкур аз соли 1995 боз соле як бор дар шаҳри Тошканд баргузор мегардад ва ҳоло навбати 8 - умини он кушода хоҳад шуд. Дар Намоишгоҳи кунунӣ, ки бо иқдом ва ташаббуси ширкати ITE Ctioplc ва муҷовири он дар Ӯзбекистон — ширкати Itesa- Osiyo созмон меёбад, беш аз 10 шӯъбаи асосии дорусозӣ (фармасевтӣ) амал хоҳад кард, ки дар байни онҳо воситаҳои фармасевтикӣ, воситаҳои доруворӣ аз гиёҳҳои табобатӣ, минералҳои хӯрокӣ ва витаминҳо, маҳсулоти диетӣ, воситаҳои дерматологӣ ( касалиҳои пӯст), саломатии модару кӯдак, хӯроки кӯдакон, косметология ва ғайра мавҷуданд.

Номбурда инчунин зикр сохт, ки дар Ӯзбекистон он ягона намоишгоҳи ба саломатӣ ихтисосонида шудааст. 96 фоизи бинандагони собиқ Намоишгоҳро воқеаи муҳим ва хеле муҳими соҳаи тиҷорат (бизнес) номидаанд. Қайд бояд намуд, ки соли гузашта дар чунин намоишгоҳ аз 15 кишвари ҷаҳон 50 ширкат иштирок дошт ва миқдори тамошогарон 7000 нафар буд.

Директори Ltesa - Osiyo Нигора Ҳасанова хабар дод, ки дар намоишгоҳ баробари шӯъбаҳои дорусозӣ бахшҳои зиёди техникаи тиббӣ ҳам мавҷуданд. Бинандагон метавонанд таҷҳизоти технологии тиббӣ, асбобу ускунаҳои лабораторӣ, ҷиҳозоти барқии тиббӣ, ташхис, олоти ҷарроҳӣ, асбобу таҷҳизоти санҷиш ва табобати узвҳои биноӣ ва ғайраро тамошо кунанд.

Кормандони расонаҳои ахбори оммавӣ боз бисёр иттилооти тоза ва заруриро аз таъсисдиҳандагони нишасти матбуотӣ шуниданд ва ба саволҳои хеш ҷавоб гирифтанд.

Маросими кушоиши Намоишгоҳ хеле мутантан буд. Он тахти садои доираву карнаю сурнай ва иҷрои рақсҳои миллӣ идома дошт.

Вазири ҳифзи сиҳҳати Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Фирӯз Назиров ва Раиси кумитаи илм ва техникаи ҷумҳурӣ Пӯлод Ҳабидуллоев дар зери кафкӯбиҳои ҳозирон пилтаи даромадгоҳи Намоишгоҳро буриданд.

Намоишгоҳ ба кор пардохт. Он то 17 апрели соли равон идома хоҳад кард. Хоҳишмандони тамошо ва муштариёни навигариҳои олами тибро ба Намоишгоҳи 8 - уми байналхалқии Тошканд, ки дар он беш аз 50 ширкат аз кишварҳои Туркия, Олмон, Ӯзбекистон, Британияи Кабир, Қазоқистон, Қирғизистон, Белорус, Русия, Фаронса, Покистон, Украина, Финландия ва ғайра ҳузур доранд, ба толори «Биллур» - и меҳмонхонаи «Интерконтинентал» - и пойтахти ҷумҳурӣ — шаҳри Тошканд даъват менамоем.

**Т. ТӮХТАЕВ.**

# Семинар

Бо ташаббуси ҳокимияти вилояти Бухоро, Кенгаши оқсақолҳо, шӯъбаи вилоятии Бунёди «Маҳалла» дар маҷлисгоҳи коллеҷи технологияи шаҳри Бухоро семинар - хониши роҳбарони мақомоти худидоракунии шаҳрвандон ба амал омад. Дар он раисони маҷлиси шаҳрвандони шаҳрак, қишлоқ, маҳалла, ҷонишинони ҳокимони шаҳру ноҳияҳо оиди масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии кӯдакону модарон, раисони шӯъбаҳои Бунёди «Маҳалла», роҳбарони ташкилотҳои мутасаддӣ ва бунёдҳои хайру эҳсони вилоят иштирок намуданд. Ҷамъомадро ҳокими вилоят С. Ҳусенов кушод. Ҷонишини раиси Бунёди «Маҳалла» ва Кенгаши ҷумҳурият С. Ҳусенов дар бораи вазифаҳои пешистода мақомоти худидоракунии шаҳрвандон дар бобати амалӣ сохтани барномаи «Соли маҳаллаи обод» маърӯза кард. Инчунин вай ба ғолибони озмуни беҳтарин мақомоти худидоракунии шаҳрвандон ҷумҳурият,— ҷамоаи шаҳрвандони деҳаи Ғовшуни ноҳияи Ғиждувон, маҳаллаи Бобури шаҳри Ғиждувон, кӯмитаи занон ва духтарони маҳаллаи Аббос Алиеви ноҳияи Ф. Хӯҷаеви шаҳри Бухоро ифтихорнома ва тӯҳфаҳои Бунёди «Маҳалла» ва Кенгаши оқсақолҳоро супурд.

Сипас раиси шӯъбаи вилоятии Бунёди «Маҳалла» Беҳбуд Ҷумъаев оиди фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрвандон, муносибати онҳо бо идораҳои маҳаллии иҷроия, масъалаҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо баромад кард.

**А. АВЕЗОВ.**

Ба пешвози 900-солагии бузургдошти Абдулхолиқи Ғиждувонӣ

# Аввалин аз ҳафт пири комил

Қола - н - набию алайҳиссалом лавконал имону андас — Сурайё латанно валлаҳу риҷодин мин абнои форсин

(Гуфт Наби алайҳиссалом: Агар имон дар Сурайё бошад, ноил мешаванд мардҳо бар он аз фарзандони форс)

Барҳақ, Бухоро дини Исломро қуввату мадор бахшид. Ва Бухорои Шариф шуд. Даҳҳо нобиғагони илми фиқҳ, фалсафаи ислом, ахлоқ аз ин хоки муборак ба дунё омадаанд.

Ҳангоми бахшидани тиловати Қуръон аз даҳони бисёр соҳибдуо «бахшидам савоби тиловати Қуръон ба рӯҳи поки ҳафт пири Комил» - ро мешунавем. Ҳама ин ПИРОНИ КОМИЛ аз Бухорои Шарифанд.

Соҳиби каромат, олими олимон, таъсисгари тариқати хоҷагон, ки дар тамоми баҳру бар бо номи Хоҷаи Ҷаҳон шӯҳрат ёфтаанд, - ин Хоҷа Абдулхолиқи Ғиҷдувонӣ, яке аз он ҳафт Пири Комил маҳсубанд.

Абдулхолиқи Ғиждувонӣ дар соли 1103 дар шаҳри Бухоро мутаваллид ва 76 сол умр дида, дар зодгоҳи хеш мадфунанд. Падари эшон — Абдулҷамил ном доранд, аз авлодони Имом Молик, аз Рум будаанд. Модари он ҳазрат аз насли подшоҳи замони худ будаанд. Тибқи ривоёт сабаби аз Рум ба Бухоро омадани падари Хоҷа Абдулхолиқи Ғиждувонӣ, ин аст, ки Хоҷаи Хизр ҳидоят намудаанд, то Бухоро бираванд, ки он ҷо хислат ва ҳикматҳо зиёда аст ва дар он ҷо фарзанде ба дунё хоҳад омад, ки Хоҷаи ҷаҳон хоҳад гашт ва ба ӯ Абдулхолиқ ном бояд гузорад...

Муаллифи китоби «Қандия» (Абдулҳакими Самарқандӣ) дар ин маврид овардааст, ки вақти дар Ғиждувон ба дунё омадани Абдулхолиқи Ғиждувонӣ қиблагоҳи варо умр дар 113 буд.

***

Хоҷаи Ҷаҳон дар илми шеър низ дастболо будаанд. Бисёр маънихои пурҳикмат ба тариқи назм гуфтаанд. Инак, рубоие намуна аз ашъори он ҳазрат, ки дар вай зодгоҳи худ - Ғиждувонро сарчашмаи нур (маърифат - М. О.) номида ба ватани бобоӣ — Рум низ ишора намудаанд:

**Бар дӯст муборакем бар душман шум,**
**Дар ҷанг чу оҳанем, дар сулҳ чу мум.**
**Сарчашмаи нур, Ғиждувон манзили мост,**
**Мо теғи дурӯя мезанем то Рум.**

***

Дар Сиротномаи Имоми Аъзам чунин навиштаанд: Аз Исмоил ибни Абириҷо нақл кардаанд, ки гуфт: Шабе Имом Муҳаммадро дар хоб дидам ва пурсидам, ки Худоят бар ту чӣ кард? Гуфт:

Худои Таъолло маро мағфират кард ва марҳамат фармуда гуфт: ки агар ба азоби ту ирода мекардам, ба илм соҳиб намегаштӣ, яъне соҳибилм шудани ту ин аст, мағфирати ман. Боз пурсидам, ки манзилати Имом Муҳаммад Абӯюсуф чанд аст? Гуфт: «Аз ман ду дараҷа баландтар! Пурсидам: Дараҷаи Имоми Абӯҳанифа чанд аст? Гуфт: Дараҷаи Абӯ Ҳанифа бисёр баланд аст, дар Ирлайни Аъло, яъне аз ҷаннат ҳам боло. Аз он сабаб, ки чиҳил сол бо таҳорату хуфтан намози бомдод гузорид ва панҷоҳу панҷ мартаба дар ҳаҷ буд ва Худои таъолоро сад маротиба дар хоб дид. Дар ҳаҷҷи охирин бо иҷозати хоҷагони мӯҳтарами Каъбаи Муаззама байни сутунҳо истода шуда Қуръони маҷидро хатм намуд. Баъд аз салом додан бо чашмони гирён ба даргоҳи Раҳмон муноҷот намуд: «Худовандо! Ин бандаи заиф ба таври мувофиқ ибодати ту ба ҷо натавонист овардан, лекин ҳаққи маърифати ту шинохт. Хизмати бенуқсони маро бо камоли маърифати хеш бипайванд!» Ҳотифе овоз дод; ки: «Ё Абӯҳанифа! Маро хуб шинохтӣ ва хуб хизмат намудӣ, туро ва тобеъони туро, ки то қиёмат дар мазҳаби ту ҳастанд, мағфират кардам».

Хоҷа Абдулхолиқи Ғиждувонӣ аз пайравони содиқи Имоми Аъзаманд. Таълимоти зикри хуфия аз Ҳазрати Хизр Алайҳиссалом ба Хоҷаи Ҷаҳон интиқол гардидааст.

Устоди Хоҷа Абдулхолиқи Ғиждувонӣ: — Шайх - ул - шуйух» Қутб - ул - аср Хоҷа Юсуфи Ҳамадонӣ дар зиндагии хеш 37 маротиба пиёда ҳаҷ намуда Қуръони Каримро ҳазор маротиба хатм намудаанд.

Хоҷа Юсуфи Ҳамадонӣ, ки дар олами Ислом ситораи тобноке буданд, шогирдони баркамол, машоихини маъруф ба камол расонидаанд. Хоҷа Абдуллои Барқӣ, Хоҷа Ҳасани Андоқӣ, Хоҷа Аҳмади Яссавӣ ва Хоҷа Абдулхолиқи Ғиждувонӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Аввалин аз ҳафт Пири Комил — Хоҷа Абдулхолиқи Ғиждувонӣ дар ривоҷу истеҳкоми дини мубини Ислом бо асарҳои пурқиммати хеш низ саҳмгир шудаанд. «Рисолаи соҳибия», «Маслак - ул - орифин», «Рисолаи Шайхушшуюх Ҳазрати Хоҷа Юсуфи Ҳамадонӣ», «Мақомоти Хоҷа Юсуфи Ҳамадонӣ», «Рисолаи тариқат», «Мақсад - ус - соликин», «Насиҳатнома ба Авлиёи Кабир» дар сулуки тариқати нақшбандия раҳнамост.

Ба муносибати 900 солагии зодрӯзи ин Пири Комил яке аз хабарнигорони худогоҳ — Амрулло Авезов ба «Овози тоҷик» тахти унвони «Хоҷаи ҷаҳон» мақолае ба табъ расонд, аз ҷумла дар он навишта буд, ки: «Мо аз шӯъбаи асарҳои дастхати китобхонаи ба номи Ибни Сино ду асари А. Ғиждувонӣ «Маслак - ул - орифин» ва «Мақсад - ус - соликин» - ро, ки ҳар дуяш ҳам ба забони форсии тоҷикист, пайдо намудем».

Оре, ҷашни ин абармарди олами илму дониш бо қарори ЮНЕСКО дар тамоми ҷаҳон таҷлил мегардад. Дар ватани ӯ омодагию, тадбирҳои судманд ба амал меоянд. Ба арзишҳои маънавии мероси гаронмояи Хоҷаи ҷаҳон диққати калон медиҳанд. Зеро ба шарофати назарияи пешгузоштаи Хоҷа Абдулхолиқи Ғиждувонӣ машоихини аҳли тариқат ба роҳи ростин мераванд. Тарки дунё намудан аз ҷониби Ғиждувонӣ инкор гардид. Баръакс, талаб бар он медоранд, ки ба қадри ҳар як лаҳза, нафас бояд расид, аз омӯхтани илм дур набояд шуд. Ва он чи Ҳазрати Баҳоуддини Накшбанд шиори: «Даст ба кору дил ба ёр» - ро шӯҳрат бахшидаанд» мерос аз ҳикмат ва рашаҳоти Хоҷаи Ҷаҳон аст. Рашаҳот (рашҳа - қатра гуфтан аст —М. О.) аз таълимоти Ғиждувонӣ ба халифаҳои он ҳазрат - Хоҷа Аҳмади Сиддиқ, Хоҷа Авлиёи Кабир, Хоҷа Сулаймони Карманӣ, Хоҷа Ориф ар - Ревгарӣ (машҳур ба Хоҷа Орифи Моҳи тобон) чун манбаъи илму дониш хизмат кардаанд. «Насиҳатнома» - и Хоҷаи Ҷаҳон ба фарзанди маънавии худ - Авлиёи Кабир ба покии виҷдону имон, зиндагии беолоиш ҳидоят менамоянд. Баҳоуддини Нақшбанд, ки дар замони худ ба шӯҳрати БАҲОУЛҲАҚ ВАЛ - МИЛЛАТ ВАД ДУНЁ - УД - ДИН шарафёб гардидаанд, ин ва дигар асарҳои Пири Комилро тӯтиёи тоҷи сар медоштаанд. Аз ин ваҷҳ он ҳазратро ба худ устоз донистаанд. (гарчи замони зиндагии онҳо хеле фарқ дорад).

Абдулхолиқи Ғиждувонӣ мансабу мансабталошӣ, риёкориву дунёпарастиро аз хислатҳои пасти инсонӣ медонанд. Ба шогирдони худ, ки ба роҳи тариқат рӯ меоваранд, таъкид доштаанд, ки аз кибру риё дур бошанд, аз ҳаром бипарҳезанд, ҳатто аз талоши мансаби имомӣ ё муаззамӣ низ худдорӣ намоянд. Меҳр мондан ба моли дунё, лаҳзае ҳам дур шудан аз омӯхтани илм - гуноҳ! Дуррӣ ҷустан аз сӯҳбати подшоҳону бойҳо, пайвастан ба ғарибу бенавоён, дасти ёрӣ дароз намудан ба онҳо, нишон додани роҳи дурусти зиндагӣ ба одамон, ки ин ҳама аз Ҳадисҳои пайғамбаранд, ҳамеша мадди назари Хоҷаи ҷаҳон будааст.

Илми тариқат, ки дар чор поя: 1. Ҳуш дар дам. 2. Назар бар қадам. 3. Сафар дар ватан. 4. Хилват дар анҷуман, қарор дошт ба шарофати Абдулхолиқи Ғиждувонӣ бо Ёдкард, Бозгашт, Нигоҳдошт, Ёддошт мукаммал гардид. Аз халқ дар канор будан, дар ғору мазору хонақоҳ нишаста шунидани аҷаҳру самоъ низ аз ҷониби Ғиждувонӣ қобили қабул набудааст; ки мефармоянд:

**Инкор макун самоъу мақбул мадор,**
**Илло зи касе, ки зиндадил бошад ёр.**
**Гар нафси ту мурда нест, аз шӯҳрату оз,**
**Ба савму салот бошу дигар бигзор.**

Дар мавриди дигар, самоъи сӯфиёни софро эшон нифоқу низоъ нисбати худо нишон дода, талқин намудаанд, ки рӯ ба зиндагӣ биоваранд:

**Эй сӯфии соф, ки кунӣ майли самоъ,**
**Ҳосил зи самоъ, чун нифоқ асту низоъ.**
**Ё тарки самоъ кун, ки софӣ гардӣ,**
**Ё худ ба ҳаёти дили худ соз видоъ.**

Хоҷа Абдухолиқи Ғиждувонӣ дар «Силсилаи Шариф» ҳалқаи даҳӯманд. Ҳалқаи 13 - мин аз «Силсилат - ул - заҳаб» — Хоҷа Алии Рометанӣ фармудаанд:.. «Агар он замон дар рӯи замин ягон фарзанди (шогирди - М. О.) Хоҷа Абдулқодири Ғиждувонӣ мебуданд, Мансур ҳаргиз ба дор овехта намешуд».

Ин баҳои ниҳоят баланд ба дониш ва таълимоти Абдулхолиқи Ғиждувонӣ аст. Аз уламо манқул аст, ки: фиқҳро Абдуллоҳ ибни Масъуд кишт, Алқама даравид ва Иброҳим ан — Нахъйӣ хирман кард ва Имом Ҳаммод кӯбид ва Абӯҳанифа осиёб кард ва Имом Абӯ Юсуф хамир кард ва Имом Муҳаммад нон пухт, ки ҷомеъаи мардум ин нонро истеъмол мекунанд.

Чунин нони гарму нарм дар Бухоро аз тарафи Хоҷаи Ҷаҳон Султони орифон ва бурҳони муҳаққиқони олами илм, ғаввоси дарёи маорифи раббонӣ- Абдулхолиқи Ғиждувонӣ низ тайёр гардид, ки то ба ҳол мардум аз он баҳра мегиранд.

**Маъруф ОТАХОНЗОДА.**



*Ирода Тӯрахонова толибаи аълохон ва ҷамоатчии фаъоли мактаби маълумоти ҳамагонии рақами нуҳуми ба номи Мирзо Улуғбеки ноҳияи Чуст аст.*

*Дар сурат: Ирода Тӯрахонова.*

*Аксбардор: Анвар МУРОДОВ.*

Таҷрибаи хориҷӣ

# Сафир аз кишоварзӣ мегӯяд

***Миср ва Чин аз кишварҳои қадимае мебошанд, ки дар онҳо санъати кишоварзӣ дар аҳди бостон ривоҷ ёфта, то ҳанӯз дар ин бобат аз кишварҳои пешқадам маҳсуб мегарданд.***

Дар ҳоли ҳозир дар Ҷумҳурии Миср Араб дар ҳудуди 8,5 млн. фиддан (1 фиддан баробар ба 0,42 га.) замини корам дорад ва дар солҳои наздик ба нақша гирифта шудааст, ки он ба 2 млн. афзояд.

Алҳол чоряки маҳсулоти содироти Мисрро маҳсулоти зироатӣ ташкил менамояд. Аз он 2 млн. қинтоор (1 қинтоор қариб 50 килограмм) саҳми пахта аст. Инчунин мамлакат аз соҳаи кишоварзӣ картошка, канталоп, нахӯди суданӣ, ангур, биринҷ ва меваҷоту полизи ситрусиро ба хориҷ мефурӯшад.

Азбаски Ӯзбекистон низ дар кишоварзӣ саҳми зиёди қувваи кории худро машғул медорад, ин соҳаро торафт ривоҷ бахшидан мехоҳад, ки албатта таҷрибаи кишварҳое мисли Миср дарҳури ниёзҳои он метавонад гардад. Бо вуҷуди он ки ин мамлакати африқоӣ аз кишвари аграрӣ маҳсуб мегардад, ҳамагӣ 28 фоизи аҳолии ҳафтод миллионнафараи он дар кори хоҷагии қишлоқ банд аст.

Сафири Миср дар Ӯзбекистон Ҷамил Файид маҳз бо ин мақсад журналистонро ба ҳузури худ хонд, ки аз собиқаи кишоварзии мамлакати худ нақл намояд.

Бино ба суханони ӯ алҳол мамлакат ба 55 фоиз метавонад худро бо ғалла таъмин намояд, ки инро ҳам аз 2 то 6 млн. тонна афзудани истеҳсоли ғалладона мусоид сохтааст. Мисриён бештар нон истеъмол мекунанд, назар ба он ки ба биринҷ майл дошта бошанд ва дар вақтҳои охир чунин ба назар мерасад, ки аҳолии шимоли мамлакат бештар ба биринҷхӯрӣ руҷӯъ намудаанд, ки таъсири он ба қисматҳои марказ ва ҷануби Миср низ эҳсос мегардад.

Барои афзудани кишоварзӣ ва рушди он хусусан лоиҳаҳои татбиқшавандаи Тушка ва Шарқулувайтад нақши муҳим доранд. Фаразан ба шарофати Тушка боз 0,5 млн. феддан замин обшор гардонда мешавад. Аз дигар сохтмони обёришаванда, яъне Шарқулувайтад бошад, 230 ҳазор фиддан қитъаи замин азхуд карда шуда, ҳамагӣ дар ин солҳои наздик 620 ҳазор феддан заминҳои иловагӣ барои афзоиш ва рушди санъати кишоварзии Миср ва маҳсулоти он зам мегардад.

Сафир аз шакли мулкдории зироат нақл намуда, гуфт, ки деҳқон дар кори он куллан озод аст ва ӯ пурра ихтиёри маҳсулоти худро дорад, ки дар сурати ҳосил шудани аҳду паймон онҳо метавонанд гурӯҳ - гурӯҳ фаъолият намоянд, ки шаклан собиқ колхозҳои шӯравиро мемонанд. Андоз ва молиёти дигар хеле ночиз аст.

Бояд гуфт, ки поруҳои ғайритабиӣ низ ба қитъаҳои кишоварзии мамлакат аз корхонаҳои ватанӣ расонда мешавад. Ҳосилнокӣ дар зироаткорӣ вобаста ба маҳал ва иқлими мавсим аст, ки ба ҳисоби миёна, фаразан гандум аз 1 феддан 18 ардаб (1 ардаб — 218 кг), пахта 7 - 8 қинтоор, биринҷ аз ҳар 0,42 га. 39 сентнер рӯёнда мешавад.

**Т. ИКРОМОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

# Сарваре, ки санъатро нигоҳ дошт

***19 апрел ба ташкилёбии Осорхонаи давлатии санъати Ӯзбекистон 85 сол пур шуд***

Ба фаъолияти Осорхонаи мазкур дар солҳои ҷанги дуюми ҷаҳон нависанда Умарҷон Исмоилов сарварӣ кардааст. Ҳамон вақт дар дохили бинои заводи ҳозираи «Фотон» маскан дошт. Маскани нафосат, ки ба мақсади тайёр кардани силоҳ гирифта шуда буд, дар ҷои шабакаи хурди савдои «Универмаг» қадри ҳол хизмат мерасонад. Барои тарғибу ташвиқи санъат ноқулай ба ҳисоб мерафту асарҳои санъат бештар «азият» мекашиданд.



Касе санъатро ба фикр намеовард, осорхона ба ҳоли худ гузошта шуда буд.

Аз ин ҳолат директори Осорхона Умарҷон Исмоилов бисёр азият мекашид, роҳу равиши нигоҳ доштани асарҳои пурқимати санъатро меҷуст. Вай нақшаи пухта таҳия намуда, бо ҷамоа маслиҳат намуд. Қарор доданд, ки нигораҳои аз ҳама нодиру пурарзиши осорхонаро ба корхонаҳо бо шарти баъдтар баргашта додан, тақсим намоянд. Дигар илоҷ набуд. Чунки асарҳои санъат маҳв мегардиданд. Ба ин рӯйхат 115 асари тасвирӣ ва чанд ҳайкалҳо дохил карда шуданд. Ва асарҳо муваққатан бошанд ҳам, биноҳои госпитали ҳарбии Туркистон, Комиссарони халқи Ӯзбекистон, Вазорати хоҷагии об, Театри тамошобинони ҷавон ва ғайраҳо зеб доданду завқи калони эстетикӣ бахшиданд. Чунки дар пояи ҳамаи онҳо зернавиштҳо пайдо шуданд ва гӯшрас мекарданд, ки ин асарҳо муваққатан дар ҳамин ҷо нигоҳ дошта мешаванд.

Сарвар ва ҷамоаи осорхона аз барор гирифтани корашон хурсанд буданд. Ба мақсади маҳв нагардидани дигар нигораҳо ҳам кӯшиданд. Намоишгоҳҳоро ташкил намуданд. Аз маълумотҳои оморӣ маълум гардид, ки ба душвории солҳои ҷанг нигоҳ накарда, коркунони осорхона соле ба ташкил кардани беш аз бист намоишгоҳ муваффақ гардидаанд. Бо ҳамин васила одамон аз дурдонаҳои санъат баҳравар мегардиданду дар айни замон он тарғибу ташвиқ карда мешуд. Аз ҳама муҳимаш сарвар ҷамоаашро ба он одат кунонд, ки байни халқ раванд. Худаш дар ин бобат намунаи ибрат гардид. Ҳатто ба пахтазор баромада, ҳамроҳи занону бачагон пахта чинда, сирру асрори санъатро баён мекард, ҳаракат менамуд, ки дар дили мардум меҳру муҳаббати беандозаро нисбати санъат мустаҳкамтар ҷойгир созад.

Ҳамон солҳо хазинаи осорхона ҳамагӣ аз 16 ҳазор нигора иборат буду аз нисфи зиёдаш дар хусуси таърихи ҳунармандии халқҳои Осиёи Марказӣ нақл менамуд. Китобхонаи осорхона бошад, аз 1100 ҷилд китоб иборат буд, ки дар байнашон нусхаҳои нодир хеле сершумор буданд. Сарвари осорхона ҳаракат намуд, ки аз ин дурдонаҳо на танҳо олимону зиёиён, балки халқи оддӣ ҳам бештар бархурдор гардад. Ва ин саъю кӯшиши Умарҷон Исмоилов ва ҷамоаи ӯ ба баъзе нотавонбинҳо нафорид. Онҳо ба Марказ хату барқияҳо ирсол карда, барои бадном кардани ӯ ҳаракат карданд ва ҳатто даъво доштанд, ки ӯ молу мулки халқро пош дода, аз паси он зиндагониашро ба роҳ мондааст. Онҳо дар ин хусус сурату ҳайкалчаҳои ба тасарруфи ташкилоту муассисаҳои гуногун барои муваққатан вогузошта, хондани ҳар гуна китобҳои манъшударо ваҷҳ нишон доданд. Яъне ростгӯӣ, ҳақиқатгӯии Исмоилов ба базъеҳо нафорид. Комиссия омада, асосан ба далелҳои даъвогарон гӯш андохт ва Умарҷон Исмоиловро аз вазифа сабукдӯш намуд. Ва ҳарчанд Исмоилов ба чанд идораи болоӣ шикоятнома фиристод, ба гуфтаҳояш гӯш наандохтанд. Ҳатто кор то дараҷаи судбозӣ рафта расид.

Ҳарчанд суд Исмоиловро сафед карда дар саъю ҳаракатҳояш аломати ҷиноятро пай набурда бошад ҳам, ӯро аз вазифа сабукдӯш намуданду сарварии осорхона ба зиммаи Шамоирӯ Ҳасанова гузошта шуд. Аз он Умарҷон Исмоилов рӯҳафтода нашуд. Дар ҷамоаи ҷонҷонаш монда, алоқадри ҳол дасти мадад дароз намуд. Дар бобати ҷамъ овардани нигораҳои нодир саҳми калон гузошт.

Ба туфайли саъю кӯшиши сарвари нав ва талаби собиқ роҳбар ниҳояти кор соли 1946 ба осорхона бинои нав доданд. Ва то соли 1966 — заминларзаи Тошканд ба халқ хизмат кард. Вале заминларза кори худро кард. Ба осорхона ҳам зарари калон расонд. Аммо касе дар хусуси он фикр намекарду осорхона аз як бино ба бинои дигар кӯчида, аҳли меҳнати он сарсону саргардон мегашт. Танҳо баъди ба даст омадани истиқлолияти Ӯзбекистон осорхонаи мазкур умри дубора дид. Ба бинои нав кӯчид. Атрофи он бо панҷара иҳота карда шуд. Дар бобати нав кардану ғанӣ сохтани он пайваста ғамхорӣ



зоҳир менамоянд. Натиҷаи ҳамин аст, ки алҳол теъдоди нигораҳои он ба панҷоҳ ҳазор расид. Осорхона алҳол ба ҷои дӯстдоштаи санъатдӯстон мубаддал гардидааст ва ягон кас хизматҳои Умарҷон Исмоиловро аз ёд набаровардааст.

**Маҳмуд АҲМАДОВ,**
**омӯзгори Донишкадаи давлатии фарҳанги Тошканд ба номи А. Қодирӣ.**

***Дар суратҳо:** нигораҳои нодири осорхона: **1.** Расми В. Суриков «Зани тирандоз». **2.** Асари Р. Темуров «Манзараи тирамоҳ».*

**Аксбардории муаллиф.**

# Кушоиши маҷмуи варзишӣ

Дар шаҳри Марғелони вилояти Фарғона ҳам корҳои зиёде оид ба рушди варзиш дар байни бачагон ба иҷро расонда мешавад. Ба он ба қарибӣ дар Марғелон кушода шудани маҷмӯи нави варзиши бачагон мисоли равшан шуда метавонад.

Ба таркиби маҷмӯи мазкур майдонҳои футболбозӣ, волейбол, баскетбол, ҳавзи шиноварӣ ва клуби шоҳмот шомил гардидааст.

Маҷмӯи варзишии бачагон дар ҳудуди маҳаллаи ҷамъомади шаҳрвандони «Челонзор» маскан пайдо кардаасту дар сохтмони он баробари аҳли маҳалла ташкилотҳои васоятгар — шӯъбаи ноҳиявии Ҷунбиши ҷавонони «Камолот», ҷамъиятҳои саҳҳомии «Автотранс», «Агрокимё», фирмаи бинокории «Семурғ» фаъолона иштирок намуданд.

Рӯзи кушоиши маҷмӯъ мусобиқаҳо ба амал омаданд. Тимҳои бачагонаи шаҳр байни худ аз рӯи намудҳои мухталифи варзиш қувва озмуданд ва маҷмӯи варзишӣ тӯҳфаи хуб барои онҳо гардид.

**К.МУҲИДДИНОВ.**

«Умид ниҳоллари — 2003»

# Ғолибон аниқ гардиданд

Дар шаҳри Тошканд марҳалаи шаҳрии мусобиқаҳо таҳти унвони «Умид ниҳоллари» ба амал омада, дар он асосан хонандагони синфҳои 8-11 иштирок намуданд. Дар он тимҳои мактабҳои шаҳр аз рӯи 12 намуди варзиш бо ҳам қувва озмуданд. Мактабхонон аз ноҳияҳои Мирзо Улуғбек, Юнусобод, Миробод, Собир Раҳимов чаққону пурмаҳорат будани худро бори дигар намоиш доданд. Ғолибонро дар варзишгоҳи мактаби рақами 110-уми ноҳияи Миробод ташкилотчиёни мусобиқа хайра мақдам гуфта, ба ғолибон дипломи дараҷаи якуми раёсати таълими халқи шаҳри Тошканд, ҷоизаҳо ва тӯҳфаҳо супурда шуданд.

Аз байни ғолибон номзадҳо ба тими яккачини шаҳри Тошканд интихоб гардиданд ва онҳо дар мусобиқаҳои ҳалкунандаи марҳалаи ҷумҳурӣ дар Урганҷ иштирок мекунанд. Соли гузашта дар мусобиқаи «Умид ниҳоллари», ки дар вилояти Фарғона ба амал омад, вакилони шаҳри Тошканд аз рӯи ҳисоби умумтимӣ ҷои аввалро ишғол намуда буданд. Ва онҳо нияти дар марҳалаи кунунии мусобиқа ғолиб гардиданро ҳам ба нақша гирифтаанд.

**Ғ.БЕКНАЗАРОВ.**

Аз ҳаёти мактабҳо

# Даргоҳҳои бахосият

***Он масканҳои таълимиеро ки шогирдони сазовор баровардаанд, даргоҳҳои бахосият меноманд. Ин шогирдон, ки оянда одамони машҳур мешаванд, шӯҳрати он маърифатгоҳҳоро афзун мегардонанд.***

Дар ибтидои солҳои сиюми асри гузашта ду бинои ҳавлии падарии моро ба мактабхона табдил дода буданд. Ҳарчанд он иморатҳо вақти тӯлонӣ чун мактаб арзи ҳастӣ нанамудаанд,- чандин одамони номдори Сӯхзамин таҳсилкардаи онанд. Қисме аз собиқ талабагони он мактабхона ҳанӯз ҳаётанд ва вақте гузорашон тасодуфан ба ҳавлиамон афтад, бо ҳавас аз бачагию наврасии худ ёд оварда, изҳор менамоянд, ки маҳз дар ҳамин даргоҳи маърифат, ки ҷои бахосиятест, дилу дида аз нури маърифат равшан кардаанд

Дигар аз маърифатгоҳҳое ки талабагонаш кадрҳои сазовор ва одамони маъруфи на танҳо водии Сӯх, балки вилояти Фарғона шудаанд, мактаби миёнаи ба номи Шароф Рашидов мебошад.

Вақте сухан аз хусуси даргоҳҳои бахосияти илм меравад, Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе низ ба хотир мерасад. Зимнан, адибони муосири тоҷик, ки дар рушди фарҳанги миллии халқи хеш саҳми муносиб гузоштаанд, таҳисклкардаи онанд. Дар Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон бошад, айни замон, машҳуртарин олимон ва рӯзноманигорон таҳсил намудаанд.

Шоир, нависанда ва маърифатпарвари номӣ дар ибтидои асри XX Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим дар хонаи худ мактаб кушод. Таълимгоҳеро, ки ӯ кушод, мактаби усули таълимаш нав меҳисобиданд, вале дар он толибилмон ва ташнагони маърифат на танҳо сабақ меомӯхтанд, балки одамони номдори Бухорои Шариф, бузургмарди маъруф ҷамъ шуда, баҳсу мунозираҳои илмӣ доир менамуданд. Ин мактаб, ки ҳанӯз дар моҳи октябри соли 1908 дари худро боз намуда буд, ҳанӯз барҷост. Ин маскани таълим, ки аз даргоҳҳои муқаддасе буд, дар гузари Саллоҳхонаи Бухоро дар ҳолати нимвайрон бошад ҳам, то ҳол вуҷуд дорад.

Мактаби номбурда аввалин мактаби усули нав буда, таълим дар он ба забони тоҷикӣ сурат мегирифт. Аз байни муҳассилини он ходимони зиёди илму фарҳанг баромадаанд. Номи чанде аз мардони шарифе, ки дастпарвари ҳамин мактабанд, дар саҳифаҳои таърих ҷовидонӣ сабт гардидаанд. Бале, ба он мактаби номии воқеъ дар ҳавлии Абдулвоҳиди Мунзим қадами муборки якчанд шахсҳои маъруф расида, боиси шӯҳрат ва маҳбубияти ин даргоҳи маърифат гардидааст.

Устод Садриддин Айнӣ, Аҳмадҷони Ҳамдӣ, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ, Садри Зиё, Мирзо Муҳиддин, Роҷӣ, Мирхол Мирзозода ва даҳҳо зиёиёни шаҳри шариф аз ин маърифатгоҳ хестаанд.

Дар бораи ин мактаб устод Садриддин Айнӣ чунин зикр намудааст: «Баъди дар Бухоро кушода шудани мактаби нав ва шӯҳрат пайдо кардани он касоне, ки дар онҳо андак бедории фикрӣ пайдо шуда буд, ба атрофи мактаб ҷамъ шуданд ва боз як гурӯҳи ҷавони нав ба воя расиданд».

***

Сағирхонаи бачагонаи шаҳри Душанбе низ, ки бинои девораш похсагин ва болораш қамишпӯш буд, аз даргоҳҳои бахосият ба ҳисоб мерафт. Дастпарварони ин сағирхона ҳам дар қарни сипаришудаи бистум фарзандони фарзонаи миллат шудаанд. Ба академик Мулло Эркаев ва шоири шаҳир Мирзо Турсунзода низ ин даргоҳ оғӯши меҳр кушода буд. Ғайр аз онҳо боз Салоҳиддин Муҳаббатов, Нурхон Сафаров, Сафар Салимов, Аваз Юсуфов, Усмон Қурбонов барин дастпарварони сағирхона дар ободии мулк саҳми муносиб гузоштаанд.

***

Яке аз саҳифаҳои дурахшоне дар таърихи фарҳанг ва маорифи тоҷик соли 1927 дар Тошканд кушода шудани Дорулмуаллимин — Институти маорифи тоҷикон буд. Ба он беҳтарин омӯзгорон - устодони илми ин шаҳри азим ҷалб шуда, худ намояндагони миллатҳои гуногун бошанд ҳам, бо забони тоҷикӣ дарс медоданд.

Чун сухан аз Дорулмуаллимини тошканд меравад, эҳтимол шумо ёд овардед, ки дар он адибони номии тоҷик Мирзо Турсунзодаю Сотим Улуғзода таҳсил карда буданд. Дарвоқеъ боз бисёр дастпарварони ин маскани таълим одамони машҳури Тоҷикистону Ӯзбекистон шудаанд. Номҳои Мулло Эркаев, Мастибек Тошмуҳаммедов, Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов, Набиҷон Почоҷонов, Аваз Юсуфов, Абдураҳмон Бухоризода, Неъмат Эркаев ва дигаронро бо фахр ба забон меоварем, ки ҳар яке дар олами фарҳанги халқи хеш нақши ба худ муносиб гузоштаанд.

Ин қабил шахсон ҳангоми донишҷӯӣ низ обу оташ буданд. Баробари аъло хондан дар корҳои ҷамъиятӣ ҳам фаъолона иштирок менамуданд. Дар ободонии шаҳр, чидани меваю пахта ғайратмандона кор карда, сазовори эҳтиром мешуданд.

Қисме аз онҳо дар заводи пахтаи Тошканд низ заҳмат кашидаанд.

Меҳнати қисми зиёди онҳо барабас нарафт —фатҳи қуллаҳои илму фарҳанг ба онҳо ёр гашт ва туфайли ин дастпарварони номвар Дорулмуаллимини Тошканд дар лавҳи ёдҳо монд.

***

Дар интиҳои сухан бармегардем боз ба ноҳияи Сӯх, ба диёре, ки даргоҳҳои маърифати хосиятманд имрӯз низ дари худро ба рӯи толибилмон боз намудааст. Яке аз онҳо литсейи рақами аввал мебошад, ки толибилмони хушзеҳну иқтидорнок ба он ҷалб карда шудаанд. Соли дуҳазорум хоссатан барои онҳо бобарор буд: 23 нафар хатмкардагон ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ дохил шуданд ва имрӯз таҳсили худро бомуваффақият идома медиҳанд. Умед аст, ки аз байни онҳо мутахассисони сазовор, шахсони номдор ва номбардор баромада, фахри ин маърифатгоҳ мегарданд.

**М. ШОДИЕВ.**

